# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатссионӣ аз 26.08.2026, №13

Барои сазовор донистани Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода, шаҳрванди Ҷумҳурииии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ).

Диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи שералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд) аз 16-уми июни соли 2026, протоколи №6 ба ҳимоя қабул шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода 26-уми ноябри соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода соли 2020 зинаи бакалаври факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси кори адабӣ (таҳрир) ва соли 2022 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси умури нашриёт хатм намудааст.

Солҳои 2022-2025 дар шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси докторанти PhD-и кафедраи матбуоти факултети журналистика ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шудааст. Айни ҳол дар Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ба ҳайси мудири шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашр фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Муродӣ Мурод Бердӣ.**

**Муқарризони расмӣ: Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва

байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва **Сафарзода Хуршед Ҳайдар** – номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» ба диссертатсия хулосаи мусбат пешниҳод кардаанд.

**Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷик, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарипов Сангимурод, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Маҳкамзода Дилором, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедра Маъмурзода Носирҷон имзо гардида, бо имзоюю муҳри ректори муассиса профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ шудааст, қайд мегардад, ки диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод шуданаш асос дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, интихоб ва таъйин шудаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо аз мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона ширкат меварзанд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур робита доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба табъ расондааст, ки аз ин номгӯй 9 мақола (2 мақола бо ҳаммуалифии роҳбари илмӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос карда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ собит менамояд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Юсуфов, И. Ситоиши Ваҳдат дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2021. – №3 (55). – С. 101-109.

[2-М]. Юсуфов, И. Ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2022. – №2 (58). – С. 108-117.

[3-М]. Юсуфов, И. Шинохти илмии публитсистика аз ҷониби муҳаққиқон / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2023. – №1 (61). – С. 109-118.

[4-М]. Юсуфов, И. Отражение публицистики в научных исследованиях / И. Юсуфов // Паёми Китобхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №2 (2). – С. 83-90.

[5-М]. Юсуфов, И. «Ман»-и муаллиф дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2023. – №3 (63). – С. 108-118.

[6-М]. Юсуфов, И. Баъзе вижагиҳои нақлу тасвир дар «Достони Роғун»-и Шералӣ Мӯсо / И. Юсуфов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 267-277.

[7-М]. Юсуфов, И. Назаре ба рӯзгор ва осори эҷодии Шералӣ Мӯсо / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2024. – №4 (68). – С. 112-117.

[8-М]. Муродӣ, М., Юсуфов, И. Доир ба ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Шералӣ Мӯсо [Матн] / М. Муродӣ, И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2025. – №3 (71). – С. 86-98.

[9-М]. Муродӣ, М., Юсуфов, И. Рӯзгор ва осори Шералӣ Мӯсо дар контексти пажуҳишҳои илмию оммавӣ: баррасии хулосавӣ [Матн] / М. Муродӣ, И. Юсуфов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №5. – С. 295-303.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашриҳои дигари илмӣ:**

[10-М]. Юсуфов, И. Иншоотҳои азими аср дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо / И. Юсуфов // Бозтоби бунёди иншоотҳои азим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар публитсистикаи муосир. Мураттиб И. Юсуфӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – С. 321-411.

[11-М]. Юсуфов, И. Корбурди унсурҳои муассири сухан дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо / И. Юсуфов // Маводди III конференсияи ҷумҳуриявии илмиву назариявии Шурои олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» – 23 май ва «Бистсолаи

омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» – солҳои 2020-2040 / Бахши илмҳои гуманитарӣ. (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 18-19 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 166-174.

[12-М]. Юсуфов, И. Инъикоси масъалаи бунёди роҳу накбҳо дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо: дар мисоли асари «Мардистон» / И. Юсуфов // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангу тамаддунҳо» / Бахши 2. Публитсистика ва замони муосир. (Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 11-12 апрели соли 2025). – Бохтар, 2025. – С. 327-336.

[13-М]. Юсуфов, И. Бозтоби корзори инсони бунёдкор дар «Достони Роғун» / И. Юсуфов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистикаи тоҷик дар замони муосир». (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 1 майи соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 370-385.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон **Исмоилзода Зиннатулло** мусбат буда, дар он чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферат ҳангоми тавсифи хусусиятҳои жанрии осори Шералӣ Мӯсо бештар натиҷаҳои таҳлили асарҳо пешниҳод шудаанд. Агар меъёрҳои назариявии фарқгузории жанрҳои публитсистӣ ва омилҳои муайянкунандаи омезиши онҳо дар эҷодиёти адиб бо истинод ба назарияҳои муосири жанршиносӣ шарҳу тавзеҳи бештар пайдо мекарданд, арзиши назариявии таҳқиқ боз ҳам меафзуд.

2. Дар бахши муаррифии аҳаммияти амалии таҳқиқ бештар ба истифодаи натиҷаҳо дар раванди таълим ишора шудааст. Ба андешаи инҷониб, натиҷаҳои таҳқикро ҳамчунин дар фаъолияти нашрияҳои даврӣ, таҳияи маводди таҳлилӣ ва такмили журналистикаи иҷтимоӣ низ метавон истифода кард. Ин ҷанбаҳои амалии диссертатсия дар автореферат зикр нагардидаанд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» **Нурализода Ноилшоҳ** низ мусбат буда, дар он чунин эродҳо оварда шудаанд:

1. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки боби якуми диссертатсия бештар хусусияти тарҷумаҳолӣ ва тавсифӣ дошта, дар он баъзе масъалаҳо

асосан дар шакли пешниҳоди маълумоти биографӣ ва шарҳи фаъолияти эҷодии адиб баён гардидаанд. Ба назари мо, агар дар ин қисмати автореферат паҳлуҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва ҳунари нигорандагии Шералӣ Мӯсо бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд, арзиши илмӣ ва таҳлилии он боз ҳам боло мерафт.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ, аз ҷумла, дар саҳифаҳои 8, 21 ва 22 ба назар мерасанд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи «Истиқбол» **Хушдили Раҳимҷон** аҳаммияти илмӣ, навгонӣ ва арзиши амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Дар автореферат ҷойгоҳи Шералӣ Мӯсо дар публитсистикаи муосири тоҷик асоснок нишон дода шудааст, аммо ин арзёбӣ бештар дар заминаи таҳлили осори худи адиб анҷом гирифтааст. Агар арзёбиҳои муаллиф дар муқоиса бо публитсистоне, ки доир ба сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», роҳҳо ва дигар иншоотҳои бузурги мамлакат асар навиштаанд, шакл мегирифт, илмияти кор боз ҳам баланд мегардид.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ низ ба назар мерасад (масалан саҳифаҳои 5, 13, 15, 22, 27, 33).

Муқарризон дар баробари гирифтани эродҳои зикршуда ба автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии илмии онро махсус таъкид карда, муаллифро ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- диссертант Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва касбии ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсоро баррасӣ намуда, фаъолияти публитсистии ӯро дар бозтоби бунёди иншоотҳои азими кишвар **муайян карда**, дар ин замина кори илмии аҳаммиятнок ва арзишмандеро **анҷом додааст;**
- самтҳои асосии фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо, аз ҷумла ба рӯзноманигорӣ, публитсистӣ, нависандагӣ ва ҳаҷвнигорӣ гурӯҳбандӣ гардида, хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули фаъолияти эҷодии ӯ дар ду марҳилаи асосӣ – даврони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ **муайян карда шудаанд;**
- инъикоси бунёди роҳҳо, нақбҳо ва неругоҳҳои барқи обӣ, ба хусус НБО-и «Роғун», дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо таҳлил гардида, аҳаммияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳунарии осори адиб доир ба иншоотҳои азими кишвар **муайян шудааст;**

– таносуби воқеият ва бадеият дар осори Шералӣ Мӯсо доир ба иншоотҳои азими ҷишвар таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои публитсистию бадеии осори публитсистии ӯ тариқи муқоиса **баррасӣ шудааст;**

– хусусиятҳои жанрӣ ва ҳунарии осори марбут ба бунёдкориҳои кишвар таҳқиқ гардида, корбурди ташбеҳ, муболиға, киноя, тасвир, тавсиф, диалог, монолог ва дигар воситаҳои бадеӣ дар офаридани образи қаҳрамонони арсаи меҳнат **муайян шудааст;**

– ҷойгоҳи публитсистикаи Шералӣ Мӯсо дар инъикоси бунёдкориҳои даврони соҳибистиқлолӣ муайян гардида, саҳми ӯ дар бозтоби ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, ваҳдат, созандагӣ ва корномаи инсони бунёдкор аз дидгоҳи илмӣ **арзёбӣ шудааст**.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада доираи донишҳои назариявиро дар самти публитсистикаи тоҷик васеъ намуда, барои таҳқиқи масъалаҳои инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, корҳои созандагӣ ва бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи муосир замина фароҳам меоранд. Дар диссертатсия дар заминаи осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо масъалаҳои таносуби воқеият ва бадеият, хусусиятҳои жанрӣ, унсурҳои ҳунарӣ, мавқеи муаллиф ва воситаҳои тасвири раванди бунёдкориҳо мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои муайян намудани қонуниятҳои инъикоси равандҳои созандагии ҷомеа дар публитсистикаи тоҷик ва таҳқиқи минбаъдаи робитаи адабиёти бадеӣ ва публитсистика истифода шаванд.

Дар раванди таҳқиқ таҷриба ва дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар соҳаи назарияи публитсистика, жанршиносӣ, адабиётшиносӣ ва журналистика ба назар гирифта шудаанд. Асарҳои муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла И. Усмонов, А. Саъдуллоев, М. Муродӣ, Н. Солеҳов ва дигарон, инчунин андешаҳои назариявии муҳаққиқони соҳаи публитсистика ва адабиётшиносӣ ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳлили мавзуъ истифода гардидаанд.

Дар диссертатсия аз усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, биографӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва муҳтавоӣ истифода шудааст. Корбурди ин усулҳо имкон додааст, ки осори Шералӣ Мӯсо на танҳо аз лиҳози мазмуну муҳтаво, балки аз ҷиҳати жанр, услуб, сохтор, воситаҳои бадеии тасвир ва хусусиятҳои публитсистӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирад. Ҳамчунин, дар таҳлили осори марбут ба бунёди роҳу нақбҳо ва неругоҳҳои барқи обӣ методҳои таърихию муқоисавӣ истифода шуда, робитаи муҳтавои асарҳо бо воқеияти иҷтимоиву сиёсии даврони соҳибистиқлолӣ муайян гардидааст.

**Ахаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки маводди

ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва семинарҳои марбут ба таърихи журналистикаи тоҷик, назария ва амалияи публитсистика, жанршиносӣ, адабиёти муосири тоҷик ва маҳорати журналистӣ истифода шаванд. Маводди диссертатсия, инчунин, метавонад ҳангоми омӯзиши масъалаҳои инъикоси бунёдкориҳои даврони соҳибистиқлолӣ, тасвири қаҳрамони меҳнат, тарғиби арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар ВАО ва публитсистикаи муосир мавриди истифода қарор гирад.

Дурнамои таҳқиқи мавзуъ дар самти омӯзиши муқоисавии публитсистикаи Шералӣ Мӯсо бо эҷодиёти дигар публитсистону нависандагони муосири тоҷик, ба хусус муаллифоне, ки раванди бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун», роҳҳо, нақбҳо ва дигар иншооти стратегиро инъикос намудаанд, муайян карда мешавад. Ҳамчунин, таҳқиқи хусусиятҳои жанрӣ ва услубии публитсистикаи сохтмонӣ, қиёси таҷрибаи публитсистикаи тоҷик бо дигар мактабҳои публитсистии минтақа ва омӯзиши тағйироти жанрӣ дар шароити рушди ВАО аз самтҳои минбаъдаи таҳқиқ ба ҳисоб мераванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ,** пеш аз ҳама, аз интихоби дурусти маводди таҳқиқ, истифодаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва адабӣ, таҳлили осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо, маводди матбуоти даврӣ, сарсухан ба китобҳо, тақризҳо, мақолаҳои илмӣ ва дигар маводди марбут ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии адиб бармеояд. Дар таҳқиқ асарҳои марбут ба бунёди роҳу нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ ва дигар иншооти азими кишвар аз нуқтаи назари мазмун, жанр, услуб ва воситаҳои ҳунарии тасвир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Хулосаҳои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳлили бобу фаслҳои кор бармеоянд ва бо маводди мушаххаси таҳқиқ асоснок шудаанд.

**Саҳми шахсии диссертант** дар интихоби мавзуъ, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва банизомдарории маводди илмӣ, таҳлили осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо, гурӯҳбандии маводди таҳқиқ ва ҷамъбасти натиҷаҳои илмӣ зоҳир мегардад. Маводди ҷамъовардашуда, хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар пажуҳишҳои минбаъдаи таърихи публитсистикаи тоҷик, жанршиносӣ, адабиёти муосир истифода шаванд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми августи соли 2026 дар бораи сазовор донистани Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи

ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд) 11 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6D050401 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.
26.08.2026